# ПЕШНИҲОДҲО ОИДИ ПЕШГИРИИ ТАЪСИРИ БӮҲРОНИ МОЛИЯВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Шухрат Раҳматбоев - Кумитаи давлатии сармоягузорӣ**

**ва идоракунии амволи давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Бо мақсади пешгирии таъсири бӯҳрони молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳодҳои зеринро манзур менамоям:

**1.** Яке аз омилҳои ассосии кам кардани оқибатҳои бӯҳрони молиявӣ ин бехтар намудани фазои инвеститсионии кишвар, такмил додани қонунҳои ҷорӣ бо меъёрҳои байналхалқӣ ва фарохам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармояи мустақим мебошад.

Ҳарчанд ҷалби сармояи мустақим таи солҳои охир якчанд маротиба зиёд шуда бошад ҳам, дар ин ҷода душвориҳои зиёде мавҷуд аст.

Тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз барои сармоягузорон имтиёзҳои зиёд муайян карда шудаанд. Аммо мутаасифона то ҳол механизми истифодаи ин имтиёзҳо номуайян буда, истифодаи онҳо аз ҷониби сармоягузорон мушкил мебошад. Бӯҳрони молиявии имрӯз дар миқёси ҷаҳонӣ ҷойдошта имкон медиҳад, ки конунгузории ҷориро оиди чалби сармоя боз ҳам такмил дода алалхусус механизми истифодаи имтиёзҳои андозиро татбиқ намоем.

**2.** Таҳлили ҷараёни бӯҳрони молиявӣ нишон медиҳад, ки мамлакатҳои дорои бахши рушдёфтаи воқеӣ (истеҳсолӣ) ба таъсирҳои манфии он бештар тобовар ҳастанд ва ҳатто дар баъзе ҳолатҳо натиҷаҳои мусбӣ низ ба даст оварда истодаанд. Дар ин замина давом додани ислоҳоти иқтисодӣ, ки ба рушди минбаъдаи бахши хусусӣ равона карда шудааст ва содда намудану такмили ҳамаи муқарраротҳои қонунгузорӣ, ки сиёсати танзимкунандаи соҳибкорӣ ва сармоягузориро дар бар мегирад, тақозо дорад.

Бояд зикр намуд, ки бо таъсири бӯҳрони молиявӣ рақобат байни мамлакатҳо, аз он ҷумла давлатҳои бо ҷумҳурӣ ҳамсоя, ҷиҳати ҷалби сармоягузорӣ шиддат хоҳад гирифт. Аз ин лиҳоз, бояд ҳамаи кӯшишҳои зарурӣ, ки ба беҳтар гардидани нишондиҳандаҳои рейтингҳои байналмилаллӣ ва беҳтаршавии фазои инвеститсионӣ равона карда шудаанд, идома ёбанд. Дар ин раванд ҳарчи тезтар таҳия ва дар мавриди амалисози қарор додани «Барномаи 200 рузи ислоҳот», ки ба тариқи таҳия ва қабули як қатор санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ ҳарчи тезтар ҳалнамудани масъалаҳои марбут ба бахши хусусию соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ равона карда хоҳад шуд, мувофиқи максад мебошад.

**3.** Дар аксари мамлакатҳои мутараққӣ ва ҳамсоя аз ҷониби ҳукуматҳо дар қатори дигар чораҳои зарурӣ барои пешгирии таъсири бӯҳрони иқтисодӣ тадбирҳои амалӣ барои дастгирии соҳибкорӣ, ба хусус соҳибкории хурду миёна низ пешбинӣ шуда истодааст. Аз ҷумла ин тадбирҳо асосан ба дастгирии молиявӣ, паст намудани фишори маъмурӣ ва андозӣ равона карда шудаанд ва мақсади нигоҳ доштани

фаъолнокии иқтисодии субъектҳои соҳибкории хурду миёна ва дар ин асос нигоҳ доштани ҷойҳои кории мавҷударо доранд.

Шароити имрӯза дар самти дастгирии соҳибкорӣ алалхусус соҳибкории хурду миёна роҳҳо ва усулҳои нави корбариро талаб менамояд. Инфрасохтори дастгирии давлати бояд имкониятҳои дастгирии молиявӣ, амволӣ, ҳуқукӣ ва машваратиро дарбар гирад ва барои рушди соҳибкорӣ, таъсиси корхонаҳои нав ва ба фаъолияти соҳибкорӣ мароқ зоҳир намудани шумораи бештари шаҳрвандон, аз он ҷумла муҳоҷирони меҳнатие, ки ба ватан бармегарданд мусоидат намояд.

Нақшаи аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодгардида бевосита ба дастгирии бахши воқеъии иқтисодиёт, аз чумла соҳибкории хурду миёна равона карда шудааст. Мутобиқи банди 18 Накшаи мазкур дастгирии соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, аз чумла соҳаҳои энергетика, кишоварзӣ, нақлиёт, соҳибкории хурду миёна пешбинӣ шудааст.

Банди 6 тавасути буҷети давлатӣ дар ҳаҷми 28 млн. сомонӣ дастгирӣ намудани соҳибкориро дар назар дорад.

Ин маблағ барои таъсиси Бунёди махсуси дастгирии молиявӣ бояд равона карда шавад. Дар таҷрибаи дигар давлатҳо маблағҳои чунин Бунёд барои қисман (то 50%) маблағгузорӣ намудани лоиҳаҳои тиҷоратии субъектҳои соҳибкории хурду миёна ё барои кафолат ҳангоми пешниҳоди қарз аз ҷониби бонкҳо ва барои субсидиякунонии фоизҳои қарзҳо истифода бурда мешавад, ки ба паст гардидани хавфи таввакал ва беҳтар гардидани ҷолибнокии лоиҳаи тиҷоратии дар назди бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарздиҳӣ мусоидат менамояд.

Дастгирии молиявии аз ҷониби бунёд бояд асосан ба бахши истеҳсолӣ равона карда шавад ва барои хариди таҷҳизоти нави ҳозиразамон, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, зиёд намудани ҳаҷми маҳсулоти содиротӣ ва дастгирии истеҳсолоти ватанӣ амалӣ карда шавад. Ин албатта ба тадриҷан зиёд гардидани ҳаҷми сармоягузорони дохилӣ низ мусоидат менамояд.

Ғайр аз ин дар банди мазкур таввасути Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидани қарзҳои имтиёзнок барои соҳибкории хурду миёна ба маблағи 500 ҳазор сомонӣ ва Барномаи грантӣ барои занони соҳибкор ва тарбияи ҷавонони лаёқатманд ба маблағи 1 250 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардидааст. Истифодабарии самаранок ва мақсадноки ин маблағҳо, низ албатта ба ҳалли масъалаҳо мусоидат хоҳад кард.

Дар аксари мамлакатҳои рушдёфта ҷавонон новобаста аз самти донишомӯзӣ имконият доранд дар давоми таҳсили худ асосҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва пешбурди тиҷоратро низ омӯзанд. Ғайр аз ин дар донишкадаҳо технопарк ва бизнесинкубаторҳои аз ҷониби давлат ва бахши хусусӣ дастгиришаванда амал менамоянд, ки дар онҳо донишчуён имконият доранд фаъолияти тичоратии худро оғоз намуда, онро такмил диҳанд. Ин дар оянда барои ба соҳибкорӣ мароқ зоҳир намудани ҷавонони лаёқатманд ва ба роҳ мондани самтҳои афзалиятнок ва ҳозиразамони истеҳсолӣ мусоидат менамояд. Дар ин самт истифода шудани маблағҳои буҷети зикргардида ниҳоят самаранок хоҳанд шуд.

**4.** Гарчанде дар самти дастрасии захираҳои қарзӣ корҳои зиёд ба сомон расонида шудаанд, то имрӯз аксари соҳибкорони мамлакат ҷиҳати дастрас намудани қарз мушкилӣ мекашанд. Дигар тарафи масъала ин баланд будани фоизи қарз ва

мӯҳлатҳои кӯтоҳи пешниҳоди он мебошад. Банди 17 Нақшаи мазкур зиёд намудани захираҳои қарзии бонкӣ ва таъмини истифодаи самараноки онҳоро дар соҳаҳои воқеии иктисодиёт талаб менамояд. Таъсири бӯҳрони ба низоми пулию молиявии мамлакат аз фаолонокии Бонки миллии Тоҷикистон ва сиёсати молиявию пулии пешгирифтаи он вобастагии калон дорад. Дар ин самт меъёри бозтамвили (ставка рефинансирования) Бонки миллӣ бояд дида баромада шавад.

Қурби асъори миллӣ дар ҷумҳурӣ ба қурби доллари ИМА пайвастааст, ки ин якчанд омилҳои манфиро дорад. Аз он ҷумла, бо ин сабаб имрӯз маблағҳои аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ интиқолшаванда аз ҳисоби фарқияти қурбӣ зарар дида истодааст, нархи молу маҳсулоти асосие, ки сабати истеъмолиро ташкил медиҳанд баланд шуда истодааст. Дар ин ҳолат қурби пули миллӣ бояд ба қурби рубли Федератсияи Руссия ё ба «Сабади асъорҳои асосӣ» (доллари ИМА, евро, рубл, юан) бояд пайваста карда шавад.

Ғайр аз ин, аз ҷониби бонкҳо чораҳои зарурӣ барои ҷалби маблағҳои аҳолӣ бояд андешида шавад, ки ин имконият то ҳол ба пуррагӣ истифода нашуда мондааст. Дар ин самт аз миён бардоштани андозбандии маблағҳои депозитии аҳолӣ ва шахсони воқеӣ бояд амалӣ карда шавад.

**5.** Суст гардидани бозори ҷаҳонӣ ба пастравии нархи ашёҳои асосии содиротии ҷумҳурӣ пахта ва алюминий оварда расонид, ки ин бевосита ба ҳаҷми даромади буҷети мамлакат таъсири манфӣ хоҳад расонид. Дар ин ҳолат ба роҳ мондани назорати қатъии истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва таҷдиди назар шудани қисми хароҷотҳо ба миён меояд.

**6.** Чуноне, ки аз банди 5 Нақшаи мазкур бармеояд, аз ҳисоби буҷети давлатӣ ҷудо намудани қарзҳои имтиёзнок дар ҳачми 180 млн. сомонӣ ба системаи бонки пешбинӣ шудааст. Бо дарназардошти имкониятҳои буҷетӣ бояд дастгирии молиявии бонкҳои тиҷоратии ватани боз ҳам бештар таъмин карда шавад. Маблағҳои бо ин мақсад ҷудо кардашуда, бояд танҳо ба он бонкҳое равона шавад, ки тайёранд лоиҳаҳои тиҷоратии соҳаҳои воқеии иқтисодиёти мамлакатро бо қарзҳои имтиезнок дар ҳаҷми на кам аз 50 % -и маблағи зарурӣ дастгирӣ намоянд.

**7.** Соҳибкорону истеҳсолкунандагони ватанӣ дар азхудкунии маблағҳои буҷетӣ, ки барои хариди захираҳои моддии давлатии озуқаворӣ ва дигар маводҳои зарури, ки тибки банди 8 Нақша дар ҳаҷми 50 млн. сомонӣ пешбинӣ шудаанд, бояд афзалият дошта бошанд. Ғайр аз ин имконияти иштироки онҳо дар дигар тендерҳои аз ҳисоби буҷет маблаггузоришаванда бояд васеъ карда шавад, ки ин ба нигоҳ доштани ҷойҳои корӣ мусоидат карда метавонад.

**8.** Таҳлилҳо нишон доданд, ки низоми андозсупорӣ ба шароити иқтисодиву иҷтимоии Тоҷикистон мутобиқ нест ва ин яке аз сабабҳои асосии содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ аз ҷониби соҳибкорон аз қабили рӯйпӯш намудани даромад ё ворид намудани молҳои бесифат тавассути қочоқ мегардад. Агар механизми андозситонии кишвар ҷиддан таҷлил карда шуда, ба шароити имрӯза мувофиқ гардонида мешуд пас ин намуди қонуншиканиҳо, иқтисодиёти ғайрирасмиву коррупсия тадриҷан коҳиш ёфта, буҷаи давлат ғанӣ мегардид.

Дар шароити имрӯза меъёри андоз аз арзиши иловашуда барои истеҳсолкунандагони ватанӣ ҳангоми ворид намудани ҳама намуди таҷҳизоти истеҳсоли, қисмҳои эҳтиётӣ ва ашёи хоми зарурӣ бояд ҳарчи зудтар хориҷ карда шавад. Ғайр аз ин барои истеҳсолкунандагони озуқаворӣ ва молҳои ниёзи

аввалиндараҷа меъёри андозҳо бояд то ҳадди имкон паст карда шаванд, зеро ин ба рақобатпазирии онҳо дар бозори дохилӣ мусоидат намуда барои нигоҳ доштани ҳаҷми истеҳсолот ва ҷойҳои корӣ имконият медиҳад. Дар ин самт қабул намудани меъёри регресивии андозҳои иҷтимоӣ ва мораторий барои истифодаи коргарони хориҷии беихтисос низ мувофиқи мақсад мебошад.

**9.** Яке аз таъсирҳои эҳтимолии манфии бӯҳрон барои ҷумҳурӣ ин, бо сабаби суст гардидани рушди иқтисодиёти Федератсияи Россия ва Қазоқистон, коста гардидани бозори меҳнатӣ дар ин мамлакатҳо ва маҳдуд гардидани имкониятҳои муҳоҷирати меҳнатӣ барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ин ҳолат садҳо ҳазор нафар ба ватан баргашта сафи бекоронро зиёд хоҳанд намуд, ки ин ба пайдо гардидани омилҳои манфӣ дар соҳаи иқтисодию иҷтимои сабаб хоҳад шуд. Аз ин лиҳоз зарур аст, ки барои нигоҳ доштани ҷойҳои кории мавҷуда ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ чораҷӯи зарурӣ андешида шавад.

Дар ин самт суръат бахшидани фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодии «Суғд» ва «Панҷ» ва дар назди шаҳрҳои саноатӣ ва марказҳои ноҳияҳо таъсис додани минтақаҳои инвеститсионию саноатиро, ки дар онҷо соҳибкорони хурду миёна дар асоси бизнес-нақшаҳои худ барои сохтмони иншоотҳои истеҳсоли имконият пайдо намоянд, мувофиқи мақсад мебошад. Дар чунин минтақаҳо имтиёзҳои андозӣ пешбинӣ намешаванд, соҳибкорон ва сармоягузорони хориҷӣ танҳо имконияти бе кашолкорӣ соҳиби қитъаи замин шуда вазифадор ҳастанд дар мӯҳлати муайян дар он корхонаи худро бунёд намоянд.

Бояд ҳарчӣ тезтар мушкилоти дастрасии замин барои сохтмони иншоотҳои тиҷоративу истеҳсолӣ содда карда шавад, миқдори марҳилаҳо ва мӯҳлати баррасии аризаҳо аз ҷониби мақомоти дахлдор то ҳадди имкон кам карда шавад.

Бо ин мақсад ба корхонаҳои давлатӣ додани иҷозат барои тариқи иҷораи мӯҳлатнок ба истифодаи субъектҳои соҳибкории хурду миёна пешниҳод намудани иншоотҳо ва майдонҳои истифоданашаванда ба нигоҳ доштани ҷойҳои корӣ ва зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолоту хизматрасонӣ мусоидат хоҳад кард. Ин таҷриба солҳои 90 –ум васеъ ва самаранок истифода шуда буд.

**10.** Эълон намудани мораторий барои истифодаи коргарони хориҷии беихтисос низ мувофиқи мақсад мебошад.

Амалӣ гардидани чунин тадбирҳо ба соҳибкорони ватанӣ барои паси сар намудани таъсирҳои манфии бӯҳрони молиявӣ, нигоҳ доштану таъсиси ҷойҳои кории иловагӣ, ҳаҷми истеҳсолоту хизматрасонӣ ва ба соҳибкорӣ мароқ зоҳир намудани беши шаҳрвандон аз он ҷумла муҳоҷирони меҳнатие, ки ба ватан бармегарданд мусоидат менамояд.